«Тасдиқ карда шуд»
Дар ҷаласаи Шӯрои олимони ДДМИТ
№_ 2/43_ аз «_28_»___09_______2018
____________ Хайрзода Ш.Қ.

# Барномаи идоракунии сифати таҳсилот дар асоси худбаҳодии дохилии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

## Тавсифи умумӣ

Сифати таҳсилот ин қобилияти амалӣ намудани хизматрасониҳои таълимӣ ва бадастории чунин сатҳи маърифатнокии таълимгирандагон маҳсуб меёбад, ки дар асоси ин хизматрасониҳо ба даст омадааст ва ба талаботи истифодабарандагони натиҷаи таълим ҷавобгӯ мебошад. Нисбат ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ сифат ҳамчун дараҷаи мувофиқати сатҳи маърифатнокӣ ва тайѐрии мутахассис ба сатҳи талаботи мувофиқатшуда оид ба азхудкунии барнома ѐ стандарти муайяни таълимӣ ё худ ҳамчун мувофиқати мутавозини маърифатнокӣ ва тайѐрии мутахассис ба талаботи мухталифи шахсият, ҷомеа ва давлат муайян карда мешавад.

Идоракунии сифати таҳсилот ин таҳия ва татбиқи чунин маҷмӯи чорабиниҳост, ки имконият фароҳам меоварад, то ба таври самаранок хизматрасониҳои таълимӣ ба сатҳи сифатнокии баланд расонида шавад ва мувофиқати натиҷаҳои таҳсилотро бо талаботи истифода- барандагони он таъмин созад.

Дар ҷаҳони муосир таъмини сифат дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, асосан, дар заминаи талаботи зерин сурат мегирад: 1) талаботи низоми миллии таъмини сифат (арзёбии (мониторинги) соҳавии сифати таҳсилот, иҷозатномадиҳӣ, аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ дар дохили кишвар ва ғайра); 2) талаботи низоми минтақавии таъмини сифат (низоме, ки аз ҷониби як гурӯҳи кишварҳо дар ҳамкорӣ ҷорӣ карда мешавад - масалан, кафолати сифати таҳсилот мувофиқи меъѐр ва стандартҳои кишварҳои Аврупо дар раванди Болония); 3) талаботи стандартҳои байналмилалии сифат аз силсилаи ISO (International Organization for Standardization – СБС, Созмони байналмилалии стандартизатсия).

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми миллии таъмини сифат

дар даҳсолаи охир ҷорӣ гардидааст. Барои такмили ин низом ва ворид гардидан ба фазои минтақавӣ ва байналмилалии таъмини сифат ба мақсад мувофиқ аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чунин шаклҳои идораи сифати таҳсилот амалӣ карда шаванд:

1. Худбаҳодиҳии дохилии идораи сифати таҳсилот;

2. Сертификатсияи берунии идораи сифати таҳсилот оид ба мувофиқат ба меъёр ва стандартҳои кишварҳои Аврупо дар раванди Болония ё стандартҳои ISO аз силсилаи 9000.

Тавсия дода мешавад, ки бо истифода аз принсипҳои идораи сифати таҳсилот дар марҳалаи аввал дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ худбаҳодиҳии дохилии идораи сифати таҳсилот гузаронида шуда, дар марҳалаи дуюм омодагӣ барои сертификатсияи системаи идоракунии сифати таҳсилот аз тарафи ташкилоти берунӣ сурат гирад.

**Принсипҳои идоракунии сифат дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ**

1. Идоракунии сифати таҳсилот бояд дар доираи банақшагирӣ ва назорат маҳдуд нагардад.

2. Низоми идоракунии сифати таҳсилот бояд тағйирпазир, кушода ва сервариант бошад.

3. Ваколат ва вазифаҳо дар идораи сифати таҳсилот бояд байни тамоми ширкаткунандагони раванди таҳсилот тақсим гардида, ин ваколатҳо бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ тасдиқ карда шаванд.

4. Идоракунии сифати таҳсилот бояд бе бюрократикунонии иловагии раванди таълим ба роҳ монда шавад.

5. Бонизомӣ, татбиқи мукаммали вазифаҳои идоракунӣ, ташкили зинагии идоракунии сифати таҳсилот, робитаи омилҳои дохилӣ ва берунӣ, идомаи анъанаҳо ва ғайра дар тамоми марҳилаҳои амали низоми идора риоя карда шаванд.

6. Сифат дар низоми болоии таҳсилот бояд сифати низомҳои поёнии таҳсилотро фаро гирад. Низоми идоракунӣ дар ин маврид чунин зинаҳоро аз боло ба поин дар бар мегирад: муассисаи таълимӣ дар маҷмӯъ; барномаҳои таълимӣ (факултет, шӯъба); силсилаи фанҳо (кафедра); фанҳои алоҳида (устод, омӯзгор); донишҷӯ.

7. Идоракунии сифати таҳсилот дар ду самт бояд сурат гирад: таъмини сифат ва рушди сифат. Таъмини сифат барои татбиқи ҳадафҳои меъёрӣ, истифодаи самараноки иқтидори таълимии мавҷуда, бавуҷудории муҳити босифати таълимию касбӣ ва бадасторecho натиҷаҳои сифатноки таълим равона шудааст. Рушди

сифат зиёдкунии иқтидори таълимии мавҷуда ва болобарии самаранокии онро аз ҳисоби татбиқи навовариҳо, такмили сифати муҳити таълимию касбӣ ва натиҷаҳои таълим дар назар дорад.

8. Сатҳи эъломшудаи сифати таҳсилот бояд ба истифодабарандагони маҳсули муассисаи таълимӣ кафолат дода шавад.

9. Сифати таҳсилот бояд ба талаботи тамоми субъектҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷавобгӯ бошад: донишҷӯ таҳти мафҳуми сифат чунин таҳсилотеро дар назар дорад, ки барои рушди иқтидори шахсӣ ва болобарии ӯ дар зинаҳои вазифаи хизматӣ дар оянда нигаронида шудааст; кордиҳанда чунин корманди босалоҳиятеро баъди таҳсилот интизор аст, ки аз рӯзҳои аввали фаъолияташ бояд вазифаҳояшро босифат иҷро карда тавонад; давлат аз таҳсилот мутахассиси бомаҳорат ва шаҳрванди аз ҷиҳати ҳуқуқӣ бомасъулиятро нигарон аст; ҷомеа ба он манфиатдор аст, ки мутахассиси бомаҳорат ба фаъолияти иҷтимоии эҷодкорона низ омода бошад. Муассисаи таълимӣ масъули иҷрои тамоми ин нигарониҳост.

10. Идоракунии сифати таҳсилот бояд дар ниҳояти кор ба тарбияи чунин мутахассиси хатмкардаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ равона карда шавад, ки дониши амиқи назариявӣ, маҳорати баланди касбӣ, қобилияти муошират бо ҳамкасбон ва ба тарафи худ ва андешаи худ кашидани мардумро дошта, дар фаъолияти ҷамъиятӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ, робита бо мардум ва дигар самтҳо фаъол аст ва барои иҷрои нақши касбӣ ва иҷтимоии худ дар ҷамъият омодагии ҳамаҷониба дорад.

**Принсипи таҳсилот дар асоси таъсиси Кластерҳои инноватсионии таълимию илмӣ-истеҳсолӣ дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

1. Бо мақсади баланд бардоштани салоҳдид ва мутаҳаррикии мутахассис дар донишгоҳ принсипи таълим низ бояд тағйир ёбад. Присипи “зарур он аст, ки чӣ таълим дода мешавад” ба принсипи “зарур он аст, ки чи тавр таълим дода мешавад” тағйир дода шавад.

Дар баробари ин як қатор принсипҳои фаъолияти намуди нави донишгоҳ низ ҷорӣ мегардад:

- рушди низоми инноватсионии таълим;

-омода намудани мутахассисони сатҳи байналмилалӣ;

-ташкили инфрасохтори фаъолияти инноватсионӣ, ки муносибатро бо бизнес-сохторҳо, муассисаҳои давлатӣ, таълимӣ ва илмӣ таъмин мекунад;

-ташкили фарҳанги инноватсионии корпоративии донишгоҳ ва фарҳанги ҳамоҳангии консорсиум-кластер;

-ташкили инфрасохтори таъсири мутақобилаи донишгоҳ бо муҳити беруна;

-диверсификатсияи сарчашмаҳои маблағгузории донишгоҳ;

-ташаккули низоми мувофиқи идоракунии донишгоҳ.

2. Дар сатҳи таълим принсипи асосии амали якҷояи омӯзгор ва донишҷӯ риоя мегардад. Дар баробари ин манфиатҳои таълимгирандагонро ба назар гирифтан чун принсипи умумии таҳияи маҷмӯи маводи таълимӣ-методии ихтисос (фан) бояд риоя гардад.

3. Маҳакҳои асосии арзёбии самаранокии фаъолияти Кластер ва консепсияи нави инноватсионии таълим чунинанд:

- низоми ҳуқуқӣ-меъёрии ташкили Кластер (мавҷудияти шартнома оид ба таъсиси консорсиум ва мазмуни ҳуқуқии он, миқдори узви консорсиум);

- мувофиқати касбу ихтисосҳо ва хатмкардагон ба тақозои бозори меҳнат (миқдори хатмкардагони бо ҷои кор таъминшуда, баҳисобгирии дархостҳои корфармоён ва миқдори дархост, миқдори шартномаҳо бо шахсони ҳуқуқӣ оид ба таъёр намудани мутахассис);

- рақобатпазирии донишгоҳ ва мутахассис (қобилияти рақобатнокии донишгоҳ, рақобатпазирии хатмкарда дар бозори меҳнат, яъне аз сад нафари бо ҷои кор таъминшуда чанд нафар хатмкардаи донишгоҳ бо кор таъмин шуд ва ғайра);

- мутаҳаррикии донишада (қобилияти омодагии донишгоҳ ба тағйир додани маҷмӯи хизматрасониҳои таълимӣ бо дарназардошти тақозои корфармоён);

- қобилияти тағйирпазирии мазмуни таҳсилот (қобилияти омодагии донишгоҳ ба беҳтар намудани сифати таҳсилот вобаста ба тақозои замон ва тағйири барномаву услуби таълим);

- нишондиҳандаҳои бо технологияи муосир таъмин будан ва сифати идоракунӣ (миқдори воситаҳои иттилоотию иртиботӣ дар раванди таълим, синфхонаҳои забонии бо технологияи муосир муҷаҳҳаз гардонидашуда, озмоишгоҳҳо, мавҷудияти маркетинги таҳсилоти мутассил, диверсификатсияи намуди хизматрасониҳои таълимӣ, мавҷудияти стратегияи идоракунӣ ва рушди донишгоҳ);

- рейтинг дар дохили кишвар ва берун аз он (мавқеъ дар нишондиҳандаҳои рейтингии низомиВазорати маориф ва илми ҶТ, шомилшавӣ ба низомҳои рейтингии хориҷӣ ва мавҷудияти аккредитатсияи байналмилалӣ).

Барои таъмини низоми идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси худбаҳодиҳии дохилии муассиса барномаи бисёрзинагӣ сохта мешавад ва он фаъолиятро дар самтҳое фаро мегирад, ки назорат ва баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот танҳо як ҷузви таркибии он аст. Сатҳи мувофиқи сифати таҳсилот танҳо ба таври маҷмӯӣ (комплексӣ), дар алоқамандии иҷрои ин зинаҳо таъмин карда мешавад. Иҷрои барнома аз ҷониби тамоми воҳидҳои сохторӣ, ҳайати роҳбарият ва устодону омӯзгорони муассисаи таълимӣ таъмин

карда шуда, ҳамоҳангсозии корро дар ин самт муовини якум, муовини ректор оид ба таълим тавассути раёсати таълим ва шӯъбаи мониторинг ва идораи сифати таълими донишгоҳ амалӣ месозад.

**Зинаҳои барномаи идоракунии сифати таҳсилот дар асосии кластерҳои инноватсионии таълимию илмӣ-истеҳсолӣ чунинанд:**

1. Таҳқиқи вазъи принсипи таҳсилот дар асоси таъсиси Кластерҳои инноватсионии таълимию илмӣ-истеҳсолӣ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои илмию истеҳсолӣ, омӯзиши бозори меҳнат.

2. Иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ вобаста ба масъалаҳои Кластер дар минтақа:

- ҳамоҳангсозии фаъолияти иштирокчиёни консорсиум дар ҳамкориҳои илмию истеҳсолӣ ва интихоби мавзӯъҳои илмию таҳқиқотии рузмарра, ки ба тақозои илм, технология, идоракунӣ ва ғайраҳо дар шароити минтақа мувофиқ аст;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти иштирокчиёни консорсиум дар доираи ҳадафҳо ва вазифаҳои барномаҳои давлатии соҳавӣ, барномаҳои гуногуни мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, барномаҳои гуногуни байнисоҳавӣ ва байниидоравӣ.

3. Ташкили робитаҳои мутақобила байни Донишгоҳ ва истифода барандагони маҳсулини муассиса, корҳои таблиғотӣ.

4. Ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, курсҳои тайёрӣ ва қабули донишҷӯён ба Донишгоҳ.

5. Банақшагирии муҳтавои таълим, коркард ва иҷрои барномаҳои таълимӣ, таъмини илмӣ-методӣ ва моддии раванди таҳсилот, таъмини фаъолияти илмию методӣ.

6. Ташкили таҷрибаомӯзии донишҷӯён.

7. Таъмини раванди таҳсилот бо кадрҳо.

8. Ташкил ва таъмини корҳои таълимӣ-таҳқиқотӣ ва илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён, фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии устодону омӯзгорон, фаъолияти аспирантура, докторантура.

9. Ташкили усулҳои нави таълим, ҳавасманд сохтани таълимгирандагон барои таҳсилоти босифат.

10. Назорати сифати таҳсилот.

11.Таъмини омода намудан, бозомӯзӣ, такмили ихтисоси мутахассисон барои иштирокчиёни консорсиум:

- мониторинги эҳтиёҷот ба кадрҳо (коргарӣ ва мутахассисон) ва баррасии он барои қонеънамоӣ;

- иҷрои фармоишҳои иштирокчиёни консорсиум ва берун аз он дар самти омода намудан ё бозомӯзии кадрҳо;

ташкили низоми доимоамалкунандаи фармоишҳо барои омода намудан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо дар минтақа;

- ташаккули мазмун ва мундариҷаи барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ки иштирокчии консорсиум мебошанд;

- истифодаи базаи моддиву техникии иштирокчиён, ҳолатҳои воқеии онҳо дар раванди омода намудани мутахассисон, ҷалби мутахассисон аз ин муассисаҳо ба ҷараёни таълими фанҳои махсус;

- ташкили базаи маълумотҳо ва иттилоот, датурҳо ва васоитҳо, ҳолатҳои воқеӣ ва бизнес-лоиҳаҳо ва дигар захираҳое, ки барои иштирокчиёни консорсиум дастрас мебошанд ва истифода бурда метавонанд.

12. Таҳия ва иҷрои нақшаи чорабиниҳо оид ба бартараф сохтани камбудиҳо ва болобарии минбаъдаи сифати таҳсилот.